«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
**Ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент**
**____________________ Сафарзода Д.Ҷ.**
**«25» ____04________соли 2025**

# ПРОТОКОЛИ № 9

кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

22.04.2025 ш. Душанбе

**Раис: н.и.ҳ., дотсент Рустамзода Ҷ..Ю.**

**Котиб: Амонзода Н.Н.**

**Иштирок доштанд:** мудири кафедра н.и.ҳ., дотсент Рустамзода Ҷ.Ю., омӯзгорони кафедра – д.и.ҳ., профессор Иброҳимов С.И., д.и.ҳ., профессор Мирзамонзода Х.М. н.и.ҳ., дотсент Саъдиев И.З., н.и.ҳ., дотсент Каримов А.Қ., н.и.ҳ., Каримов Ҳ.М., н.и.ҳ., Изатуллозода П.Н., н.и.ҳ., Мирзоев С., ассистентони кафедра Наботов Н.А., Ҳукматуллоев М.А., Зарипов А.Ҳ., Холинов Д.М., Сайдуллоева З.М., Давлатов С.Н., Исломзода И.И., Эшонқулзода Н. ва коргузори кафедра Амонзода Н.Н.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

**1. Муҳокимаи рисолаи номзадии унвонҷӯйи кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Олимзода Муҳаммадёр Абдулҳай дар мавзуи «Асосҳои ҳуқуқӣ – конститутсионии интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ.**

**Роҳбари илмӣ:** Зоир Ҷурахон Маҷидзода – мудири шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ д.и.ҳ., профессор.

**Шунида шуд:** Оид ба масъалаи мазкур унвонҷӯ Олимзода Муҳаммадёр Абдулҳай баромад намуда, дар бораи сохтор, муҳиммият ва рӯзмаррагӣ, вазифа, мақсад ва навгониҳои илмии таҳқиқи диссертатсионии худ маълумот дода, иброз намуд, ки дар шароити имрӯзаи рушди давлатдории миллӣ, бо риояи асосҳои демократӣ ташкил ва баргузор намудани интихоботи президент ҳамчун сардори давлат шакли асосии таҷассуми соҳибихтиёрӣ, таъмини истиқлоли комили сиёсӣ, воситаи муҳимми рушди идоракунии давлатӣ ба ҳисоб меравад. Иштироки фаъолонаи шаҳрвандон дар интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муҳимми онҳоро дар ташкили ҳокимияти давлатӣ ифода намуда,

барои амалигардонии фаъолияти ҳокимияти давлатӣ мусоидат менамояд. Дар ҷаҳони муосир, тасаввур кардани давлати демократӣ бидуни баргузор кардани интихобот ғайриимкон аст. Гузаронидани интихоботи даврии озод асоси демократияро ташкил медиҳад. Тавассути интихобот аксарияти шаҳрвандон дар амалӣ гардондани ҳокимияти давлатӣ иштирок менамоянд. Интихоби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ истисно нест. Интихоботи президент - яке аз муҳимтарин рӯйдодҳои сиёсии ҳаёти давлат ба ҳисоб рафта, дурнамои рушди давлатро дар давраи муқарраршуда муайян мекунад.

Конститутсияи ҶТ дар раванди танзими интихоботи президенти кишвар мавқеи асосиро ишғол мекунад. Дар иртибот ба ин, масъалаи танзими конститутсионӣ-ҳуқуқии ин раванд аҳаммияти махсусро пайдо мекунад, маҳз интихобот, яке аз шаклҳои муҳимтарини қонуният пайдо кардани ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла, ҳокимияти президентӣ мебошад. Хусусияти демократии интихоботи Президенти ҶТ дар он ифода меёбад, ки роҳбарии ташкил ва гузаронидани интихобот бевосита аз ҷониби халқ, яъне худи шаҳрвандони ҶТ сурат мегирад.

Ба таври демократӣ ташкил намудани интихоботи озодонаи президентӣ ифодаи баланди амалисозии соҳибихтиёрӣ ва ҳокимияти халқӣ мебошад. Иштироки шаҳрвандони Тоҷикистон дар интихоботи президентӣ яке аз зинаҳои таъмини демократия ба ҳисоб меравад, зеро иштирок дар ин маъракаи сиёсӣ асоси таъмини эътимоди аҳолӣ ба раванди рушди давлатдорӣ арзёбӣ мегардад. Ташкил ва гузаронидани интихоботи президентӣ ин ифодаи олии иродаи бевоситаи мардуми Тоҷикистон, яке аз роҳҳои асосии демократикунонии ҷомеаи шаҳрвандӣ маҳсуб меёбад. Тавассути иштирок дар интихобот шаҳрвандони Тоҷикистон шахсеро, ки сазовори иҷрои вазифаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, интихоб менамоянд.

Таҳқиқи тартиби ташкил ва гузаронидани интихоботи президентӣ дар ҶТ талаби замони муосир буда, бо хусусиятҳои ташкили ҳокимияти давлатӣ алоқаманд аст. Арзишҳои демократӣ ҳамчун афзалиятҳои рушд ва шаклҳои амалӣ намудани манфиатҳои давлатро муайян мекунад. Низом ва ҳуқуқи интихоботии ташкили интихоботи Президенти ҶТ унсурҳои зарурии амалӣ намудани ҳокимияти халқ – принсипи аслии давлатдории миллӣ мебошанд. Конститутсияи ҶТ асосҳои ҳуқуқии ташкил ва гузаронидани интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян намуда, татбиқи онро дар тамоми ҳудуди кишвар тавассути қонунгузорӣ муқаррар намудааст. Тартиби ташкил ва баргузории интихоботи Президенти ҶТ ҳамчун маъракаи муҳим дар ҳаёти сиёсии ҷомеа ба ҳисоб рафта, ҳамеша ниёз ба омӯзиш ва таҳқиқи илмии асоснок дорад. Марҳила

ба марҳила ташаккул ва рушд намудани ҳаёти инсонӣ аз замони пайдоиш то ба имрӯз зарурати объективӣ ва қонуни асосии инкишофи табиат ва ҷамеа мебошад, дар ин замина, ташкил ва гузаронидани интихоботи Президенти ҶТ низ ҳамчун раванди муҳимми ҳаёти сиёсии ҷомеа ҳамеша дар ҷараёни рушду инкишоф ва тағйирёбӣ қарор дорад.

Ҳамзамон, хулосаҳои дар сатҳи диссертатсия овардашуда барои таълими фанҳои тахассусӣ ва гузаронидани таҳқиқоти илмӣ, зимни омӯзиши фанҳои таълимии ҳуқуқи конститутсионӣ, низоми намояндагӣ, курси махсуси таълимии ҳуқуқӣ аҳаммияти калон доранд.

Дар ҷараёни ҷаласа аз ҷониби иштирокчиён д.и.ҳ., профессор С.И. Иброҳимов, н.и.ҳ., дотсент А.Қ. Каримов, И.З. Саъдиев, С.Мирзоев П.Н. Изатуллозода ба унвонҷӯ саволҳо дода шуд, ки ба онҳо Олимзода Муҳаммадёр Абдулҳай ҷавобҳои мукаммал дод.

Баъдан роҳбари илмии унвонҷӯ доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Зоир Ҷумрахон Маҷидзода баромад намуда, оид ба фаъолияти илмӣ – унвонҷӯ М.А. Олимзода суханронӣ намуда, иброз дошт, ки унвонҷӯ қобилияти баланди эҷодӣ дошта, таҳқиқи диссертатсионӣ ҳамчун кори анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб меравад ва мавзуи он барои татбиқи ҳадафҳои стратегии давлат мусоидат менамояд.

Диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси 12.00.02 – ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, мутобиқат карда, барои ҳимоя аз рӯйи ихтисоси мазкур тавсия дода мешавад.

Дар охир аз иштирокчиёни ҷаласа хоҳиш карда шуд, ки довталабро дастгирӣ намоянд.

Сипас, раиси ҷаласа н.и.ҳ., дотсент Ҷ.Ю. Рустамзода баромад намуда, диссертатсияро ҳамчун кори анҷомёфта ба ҳимоя тавсия намуд.

Дар муҳокимаи диссертатсия иштирокчиёни дигар, аз ҷумла н.и.ҳ., дотсент Ҳ.М. Каримов ва н.и.ҳ. дотсент С. Мирзоев ва П.Н. Изатуллозода баромад намуда, ба унвонҷӯ тавсияҳои муфиди илмӣ доданд.

Баромадкунандагон дар рафти муҳокимаи диссертатсия муҳиммияти мавзуи таҳқикро қайд карда, саҳми унвонҷӯро дар таҳқиқу баррасии масъалаҳои назариявӣ – методологӣ ва амалии мавзуи мазкур муҳим арзёбӣ намуданд.

Қайд карда шуд, ки М.А. Олимзода муҳаққиқи пурмаҳсул буда, муаллифи 11 таълифоти илмӣ, иштирокчии конференсия ва семинарҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии байналмилалию ҷумҳуриявӣ ва дохилидонишгоҳӣ мебошад.

Ҳамзамон, баромадкунандагон эродҳо ва андешаҳоеро изҳор доштанд, ки ба мушаххасу возеҳ баён намудани нуқтаҳои алоҳидаи

диссертатсия, нисбатан муфассал шарҳ додани ҷанбаҳое, ки дар амалӣ намудани пешниҳодҳо ва тавсияҳои марбут ба таҳқиқи диссертатсионӣ мусоидат менамоянд.

Олимзода Муҳаммадёр Абдулҳай ба эродҳои баромадкунандагон ҷавобу шарҳҳои муфассал дод. Сипас, лоиҳаи хулосаи кафедра, ки дар асоси баромади баромадкунандагон омода карда шудааст, шунида шуд.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Олимзода Муҳаммадёр Абдулҳай дар мавзуи «Асосҳои ҳуқуқӣ – конститутсионии интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.
2. Диссертатсияи Олимзода Муҳаммадёр Абдулҳай дар мавзуи «Асосҳои ҳуқуқӣ – конститутсионии интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷиҳати ҳимоя намудан барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 22 апрели соли 2025 №9 қабул шуд.

Иштирок доштанд: 17 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» - 17 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

**Раиси ҷаласа:** **Рустамзода Ҷ.Ю.**

**Котиби ҷаласа:** **Амонзода Н.Н.**

Имзои Рустамзода Ҷ.Ю. ва Амонзода Н.Н.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Зоирхонзода Ф.З.

«22» 04 2025 с.

Суроға: 734003, ш. Душанбе,
хиёбони Саид Носир, 33. Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
Тел.: 224-17-86, факс: 372-24-17-86
Почтаи электронӣ: info@apa.tj, сомонаи интернетӣ:www. apa.tj